АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ
БА НОМИ А.БАҲОВАДДИНОВ

ТДУ: 1 (575.3)
ТКБ: 87 (2тоҷик)
И-14

Бо ҳуқуқи дастнавис

ИБРОҲИМОВ ФУРҚАТҶОН МУРОДОВИЧ

# ФАЛСАФАИ АСРИМИЁНАГИИ ТОҶИК ДАР ТАҲҚИҚОТИ АНРИ КОРБЕН

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**

**диссертатсия барои дарёфти дарачаи илмии**
**доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - фалсафа**

**Душанбе – 2020**

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Кароматулло Олимов** - доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Саид Нуриддин Саид** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Амирхонов Шоҳусайн Талбонович** - номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

Ҳимояи диссертатсия «11» марти соли 2021 соати 14:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии **6D.КОА-026** барои ҳимояи диссертатсия ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои **6D020100 -** фалсафа ва 6D020600 - диншиносӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), инчунин тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» ____________ соли 2021 фиристода шуд.

**Котиби Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**дотсент** **Муминов А.И.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Фалсафаи тоҷику форс яке аз шохаҳои фалсафаи ҷаҳонист, ки дар асрҳои миёна бо ҷараёнҳои гуногуни фалсафию динияш маъруф гаштааст. Ҷараёнҳои фалсафии асрҳои миёнаи тоҷику форс: машшоия, калом, тасаввуф, исмоилия ва ишроқия таваҷҷуҳи олимону донишмандони ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб намуда, боиси таълифи садҳо рисолаю мақола гардидааст. Осори мутафаккирони асримиёнагӣ идомаи мантикӣ ва рушди афкори фалсафаи антиқа буд. Аз асрҳои VIII-IX милодӣ то ба имрӯз садҳо муҳаққиқ ба андешаю таълимоти мутафаккирон, ҷараёнҳои фалсафӣ ва ирфонӣ пайравӣ карда, осору аҳволи онҳоро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Бояд гуфт, ки дар замони муосир бархе аз таҳқиқоти ба осори мутафаккирони ин ҷараёнҳо бахшидаи олимону шарқшиносон худ ба объекти омӯзиш мубаддал гардида, ба илми фалсафаи гузашта умри дубора мебахшанд. Бо вуҷуди он тамоми самтҳои осори илмию фалсафии ҷараёнҳои асримиёнагӣ то ҳол ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд. Аз ҷумлаи муҳаққиқоне, ки таҳқиқоташон ба омӯзиши осори файласуфони тоҷику форс равона гардидааст, метавон таҳқиқоти файласуф, шарқшинос ва мутарҷими маъруфи Фаронсаи садаи XX - профессор Анри Корбенро ном бурд. Дар фалсафаи тоҷик таваҷҷуҳу ба риштаи таҳқиқ кашидани дастоварди илмии файласуфони хориҷӣ доир ба ин ҷараёнҳо ё мутафаккирони тоҷик падидаи нав аст. Муҳаққиқи таърихи фалсафа ва шарқшиноси фаронсавӣ А.Корбен аз нахустин муҳаққиқонест, ки осори илмиаш ба таври густурда ва бонизом мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

А.Корбен байни олимони шарқшиноси фаронсавӣ бо таҳқиқоти густурдаю доманадор дорои мақоми баланд аст, бинобар ин таҳлилу баррасии таҳқиқоти А.Корбен барои дарки мавқеи фалсафии ӯ ва баҳо додан ба мероси мутафаккирони мо аз масъалаҳои муҳими илмӣ ба шумор меравад. Осори А.Корбен ва саҳми ӯ доир ба омӯзиши фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва намояндагони он: Абӯнасри Форобӣ, Абулҳасани Омирӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абуяъқуби Сиҷистонӣ, Боязиди Бастомӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Носири Хусрав, Абулмаҷди Саноӣ, Муҳаммади Ғазолӣ, Насируддини Тӯсӣ, Шиҳобуддини Суҳравардӣ ва дигарон ба таври муназзам мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст. Дар ин хусус доираи таҳқиқоти анҷомдодашуда хеле маҳдуданд, бинобар ин мо ба таҳлил ва таҳқиқи муназзами осори А.Корбен роҷеъ ба таърихи фалсафаи тоҷику форс пардохтем.

Зарурати омӯзиши илмии мавзӯи мазкур дар он аст, ки тоҷикон имрӯз дар замони соҳибистиқлолӣ ба эҳёи фарҳанги гузаштаи худ рӯй оварда, раванди бедоршавии худшиносии миллиро собит месозанд. Дарёфти мафкура ва илму эҷоди волою таҳаммулпазири мутафаккирони фавқуззикр ва ҷараёнҳои фалсафии асримиёнагии ориёитабор аз назари муҳаққиқи аврупоӣ ба раванди худшиносии миллии тоҷик манфиатовар хоҳад буд. Омӯзишу таҳлили осори мутафаккирони тоҷику форс аз ҷониби аврупоиён мақоми мутафаккирон ва қавму миллатҳоро дар хориҷи кишвар нишон дода, имкон

фароҳам меоварад, ки дарки амиқи таълимоти мутафаккирон дастрас гардида, дақиқӣ, дурустию иштибоҳ ё таҳрифкории баъзе муҳаққиқон доир ба таълимоти гузаштагони мо ва ҷараёнҳои фалсафӣ ошкор шавад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Доираи илми шарқшиносии фалсафӣ ниҳоят васеъ аст. Аз ҷониби бисёр файласуфону олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ доир ба ҷараёнҳои фалсафию динии асрҳои миёнаи тоҷику форс ва намояндагони онҳо, асарҳои илмӣ эҷод гардидаанд. Аз ҷумлаи олимони тоҷику шӯравӣ А.М.Баҳоваддинов,[1] М.Осимӣ,[2] У.Султонов,[3] М.Н.Болтаев,[4] А.Муҳаммадхоҷаев,[5] М.Диноршоев,[6] К.Олимов,[7] Ғ.Ашуров,[8] А.Турсунов,[9] Ё.Одинаев,[10] Х.Додихудоев,[11] С.Ахмедов,[12] А.Шарифов, Н.Саидов,[13] Н.Н.Содиқова,[14] М.Т.Маҳмадҷонова,[15] Т.Муродова,[16] И.Ғ.Зиёзода,[17] М.Х.Раҳимов,[18] М.Маҳмадова, З.Диноршоева,[19] С.Султонов,[20] А.А.Семенов,[21] В.А.Иванов,[22] А.В.Сагадеев,[23] Е.А.Фролова,[24] Ю.Н.Завадовский[25] ва дигаронро номбар намудан, мумкин аст, ки ҳар кадом самтҳои мухталифи осори фалсафии мутафаккирони гузаштаро омӯхтаю ба доираи илмӣ ворид намудаанд.

Донишманди тоҷик академик М.Диноршоев дар асараш "Натурфалсафаи Ибни Сино" афкори муҳаққиқони ғарбиро роҷеъ ба фалсафаи Ибни Сино баррасӣ намуда, мухтасаран таъкид менамояд, ки дар шарқшиносии кишварҳои Ғарб доир ба таълимоти Ибни Сино ду самт мавҷуд аст, ки самти

---

[1] Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. - Душанбе, 2011.
[2] Асимов М. Авиценна и мировая цивилизация//Народи Азии и Африки, 1980. - № 5. - С.77-88; Ҳамин муаллиф: Величие Авиценны//Торжество Разума. - Душанбе, 1988. - С.3-18.
[3] Султонов У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино. - Душанбе, 1975.
[4] Болтаев М.Н. Ақидаҳои фалсафии Абӯалӣ ибни Сино. - Душанбе, 1969.
[5] Мухаммедхаджаев А. Гносеология суфизма. - Душанбе, 1990.
[6] Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. - Душанбе, 1985.
[7] Олимов К. Мировоззрение Санои. - Душанбе, 1973; Ҳамин муаллиф: Ибн-Сина и суфизм//Известия АН Таджикской ССР, ООН. 1979. - № 2. - С.59-66.
[8] Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов. - Душанбе, 2006.
[9] Турсунов А. Эҳёи Аҷам. - Душанбе, 1984.
[10] Одинаев Я.К. Философия озарения (Хикмат аль-ишрак). - Душанбе, 2004.
[11] Додихудоев Х. Исмоилия ва озодандешии Шарқ. - Душанбе, 1989; Ҳамин муаллиф: Философский исмаилизм. - Душанбе, 2014.
[12] Ахмедов С. Философия калама в современном исламе. - Душанбе, 2004.
[13] Саидов Н. Человек, его сущность и сущностные силы в философии Аристотеля и Ибн Сины. - Душанбе, 2008.
[14] Садыкова Н.Н. Философия Мирзо Абдулкодира Бедиля. Монография. - Душанбе, 2007.
[15] Маҳмадҷонова М.Т. Табаҳҳуре дар таърихи фалсафаи тоҷик. - Душанбе, 2018.
[16] Муродова Т.Пажуҳишҳо дар таърихи фалсафа ва ирфон. - Душанбе, 2020; Ҳамин муаллиф: Джомеъ-ул-хикматайн Носири Хисрава как философский труд. Автореферат к.ф.н. - Алма-Ата, 1985.
[17] Зиёзода И.Ғ. Тасаввуфи фалсафӣ. Ҳастишиносӣ ва маърифати сӯфиёна. Қисми 2. - Душанбе, 2016.
[18] Рахимов М.Х. Философия человека Абуали ибн Сины (Авиценна). – Душанбе, 2018.
[19] Диноршоева З. Абӯҳомид Ғаззолӣ ва "Таҳофут-ул -фалосифа"-и вай//Муҳаммад Ғаззолӣ. Таҳофут-ул-фалосифа. - Душанбе, 2000. - С.3-45.
[20] Султонов С. Ибн Сина в философской традиции Франции. - Душанбе, 2013.
[21] Семенов А.А. Абу Али ибн Сина. - Сталинабад, 1953.
[22] Иванов В.А. Очерки по истории исмаилизма. Пер. с англ. – СПБ. - Санкт-Петербург, 2011.
[23] Сагадеев А.В. Ибн Сина (Авиценна). - М., 1985.
[24] Фролова Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средниевека и современность. - М., 2006.
[25] Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. - Душанбе, 1980.

якум Ибни Синоро мутафаккири ирфонӣ ва дуюмӣ илоҳиётшинос нишон медиҳад. А.Корбен ӯро дар самти якум қарор медиҳад.[1]

Донишманди дигари тоҷик академик К.Олимов дар мақолаи худ "Ибни Сино ва тасаввуф" мухтасаран дар баробари афкори муҳаққиқони фаронсавӣ А.М.Гуашон ва Л.Гарде андешаи А.Корбенро доир ба Ибни Сино ва муносибати ӯ бо таълимоти сӯфия нишон додааст.[2] К.Олимов ақида дорад, ки дар асарҳои Ибни Сино, хусусан дар "Ҳай ибни Яқзон", "Рисолаи ишқ", "Тайр", "Саломон ва Абсол", ҳатто дар "Ишорот ва танбеҳот" возеҳан назариёти сӯфия дида мешаванд, вале бо вуҷуди ин, муҳаққиқ итминон дорад, ки асарҳои зикршудаи мутафаккир аз ирфон дида, бештар дар рӯҳияи ақлгароӣ эҷод шудаанд.[3]

Ғ.Ашӯров роҷеъ ба баҳси Носири Хусраву Абубакри Розӣ назари А.Корбенро нишон дода, дар хусуси Ибни Сино менависад, ки А.Корбен шогирди Ибни Сино – Ҷузҷониро бо исми махсус "Фамилус" баён намудааст, ки маънояш "хизматгор" аст.[4] Бояд гуфт, ки Ғ.Ашӯров дар асараш аз олимони фаронсавӣ бештар атрофи Э.Ренан ва А.М.Гуашон андешаронӣ кардааст.

А.Турсунов дар асараш "Эҳёи Аҷам" асосан аз А.Корбен дар якчанд маврид ёд намуда, номи ӯро дар қатори исми олимони маъруфи тоҷик ва шарқшиносони хориҷӣ гузоштааст. Дар масъалаҳои вобаста ба мақоми иҷтимоии илму ҳикмат дар олами ислом А.Турсунов олимони фаронсавӣ Э.Ренан, А.М.Гуашон, А.Корбен, Л.Гарде ва Л.Массинёнро ном бурда, таҳқиқоти онҳоро вобаста ба масъалаи зикргашта ҳанӯз нокифоя мепиндорад.[5] Муҳаққиқи дигар Ё.Одинаев дар асараш "Фалсафаи ишроқ" аз А.Корбен иқтибосу ишораҳо кардааст, ки аз аҳамият холӣ нестанд.[6] Дар хусуси тарҷумаи ҳол, осор ва таҳқиқоти А.Корбен, адабиётшинос Ш.Мухтор дар асараш "Таърихи рушди эроншиносии илмии фаронсавӣ" мухтасаран маълумот пешкаш кардааст.[7]

Муҳаққиқ С.Султонов доир ба таҳқиқоти А.Корбен дар бораи Ибни Сино назари ҷолиб дорад. Фарқи таҳқиқоти С.Султонов аз корҳои анҷомдодаи Ш.Мухтор дар он аст, ки ӯ дар асару мақолаҳояш бештар ба ақидаҳои илмӣ-фалсафии А. Корбен роҷеъ ба фалсафаи тоҷику форс, хосатан таълимоти Ибни Сино диққат додааст.[8] Вале бо вуҷуди ин, С.Султонов низ ақидаҳои А.Корбенро дар қатори андешаҳои дигар муҳаққиқони фаронсавӣ баррасӣ намуда, онҳоро дар алоҳидагӣ наомӯхтааст ва дар хусуси се рисолаи ирфонии мутафаккир камтар таваққуф намудааст. Адабиётшиноси тоҷик Х.Шарифов дар мақолаи "Саломон ва Ибсол"-и Ибни Сино" (дар баъзе маъхазҳо Ибсол низ омадааст) ақидаи А.Корбенро низ ёдовар шуда

---

[1] Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. - Душанбе, 1985. - С.6.
[2] Олимов К. Ибн-Сина и суфизм//Известия АН Таджикской ССР, ООН. 1979, № 2. - С.59-66.
[3] Ҳамон ҷо. - С.59-66.
[4] Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов. - Душанбе, 2006. - С.114.
[5] Турсунов А. Эҳёи Аҷам. - Душанбе, 1984. - С.120.
[6] Одинаев Я.К. Философия озарения (Хикмат аль-ишрак). - Душанбе, 2004.
[7] Мухтор Ш. История развития французской научной иранистики. - Душанбе, 1996.
[8] Ниг.: Султонов С. Ибн Сина в философской традиции Франции. - Душанбе, 2013.

менависад, ки ба назари олими фаронсавӣ А.Корбен ин асар аз ҷиҳати маъно давоми қиссаҳои “Тайр” ва “Ҳай ибни Яқзон”-и Ибни Синост.[1] А.А.Семенов таъсири асарҳои Ибни Синоро дар рушди илму тамаддуни Шарқу Ғарб бузург арзёбӣ менамояд.[2]

Аз олимону муҳаққиқони эронӣ, ки роҷеъ ба фалсафаи тоҷику форс таҳқиқот бурдаанд С.Нафисӣ, С.С.Гавҳарин, М.Омид, С.Ҳ.Наср, Д.Шойгон,[3] М.Забеҳӣ,[4] Ф.Дафтарӣ ва дигаронро метавон ном бурд. С.Нафисӣ дар асари ба забони фаронсавӣ таълифнамудааш “Библиографияи осори асосии аврупоиён доир ба Ибни Сино” роҷеъ ба осору аҳволи Ибни Сино маълумоти ҷолиб пешкаш кардааст.[5] Таҳқиқоти С.Ҳ.Наср дар бораи шинохти ҷараёнҳои фалсафии исломӣ қобили зикр аст. Ӯ роҷеъ ба ҷараёну равияҳо ва намояндагони онҳо маълумоти кофии илмӣ пешкаш намудааст, ки дар рисола ҳангоми баррасии масъалаҳои мухталиф назари номбурда ба инобат гирифта шуд.[6] Ҳангоми баррасии масъалаҳои таълимоти исмоилия бошад, таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти густурдаи муҳаққиқи исмоилия Ф.Дафтарӣ дода шуд, ки дар асарҳояш аз А.Корбен иқтибос меоварад ва саҳми ӯро дар масоили шинохти исмоилия ниҳоят муҳим арзёбӣ мекунад.[7]

Ҳамчунин муҳаққиқони фаронсавии таърихи фалсафа К. де Во, Э.Жилсон, Л.Массинён, А.М.Гуашон, Л.Гарде, А. де Либера, М.А.Ф.Меҳрен доир ба таълимоти файласуфони тоҷику форс таҳқиқот анҷом додаанд. Аз ҷумла, таҳқиқоти Карра де Во дар хусуси фалсафаи Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино аҳамияти зиёд дорад.[8] Асосан, ин донишманд, таълимоти Абӯнасри Форобию Абӯалӣ ибни Синоро динию ирфонӣ қаламдод менамояд. Э.Жилсон низ дар асарҳояш, чун Карра де Во, ба тасаввуф майл доштани таълимоти ин ду мутафаккири машшоӣ - Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Синоро қоил аст.[9] А.М.Гуашон бештари таҳқиқоти худро ба омӯзиши фалсафаи Ибни Сино бахшида, ба хусусияти ақлонии осори вай муътақид аст.[10] Муҳаққиқи номбурда назарияи гӯё тасаввуфиро қотеона рад мекунад. Ҳарчанд А.Корбен аз А.М.Гуашон бештар иқтибос меоварад, вале асосан ба Карра де Во ва Э.Жилсон пайравӣ мекунад. Луи Гарде хусусияти динӣ доштани таълимоти Ибни Синоро таъкид менамояд.[11] Дар байни ин

---

[1] Шарифов Х. “Саломон ва Ибсол”-и Ибни Сино//Мушкилоти Ибни Сино. - Душанбе, 1980. - С.80-94.
[2] Семенов А.А. Абу Али ибн Сина. - Сталинабад, 1953. - С.7.
[3] Daryush Sh. Henry Corbin: penseur de l’islam spirituel. – Paris, 2011.
[4] Забеҳӣ М. Ҳикмати амалӣ: аз нигоҳи се файласуфи мусулмон (Форобӣ, Ибни Сино ва Мулло Садро). - Теҳрон, 1398.
[5] Naficy S. Bibliographie des principaux travaux européens sur Avicenne. - Téhéran, 1953.
[6] Наср С.Х. Философы ислама: Авиценна (Ибн Сина), ас-Сухраварди, Ибн Араби. Пер. с анг. пред. и коммент. Р.Псху. Т.3. – М., 2014.
[7] Дафтарӣ Ф. Исмоилиён: таърих ва ақоиди онҳо. Нашри 2. – Душанбе, 2012.
[8] Vaux Baron Bernard Carra de. Préface in Baron Rodolphe d’Erlanger//La musique Arabe. – Tom premier. Al-Farabi. – Paris, 2001. - P.I-XI; Ҳамин муаллиф: Avicenne (Les grands philosophes). – Paris, 1900.
[9] Gilson E. La philosophie au Moyen Age. Des origines patristiques à la fin du XIV siècle. Deuxième édition, revue et augmentée. – Paris, 1944; Ҳамин муаллиф: L’être et l’essence. – Paris, 1994.
[10] Goichon A.-M. La distinction de l’essence et de l’existence d’après Ibn Sina (Avicenne). – Paris, 1937; Ҳамин муаллиф: La philosophie d’Avicenne et son influence en Europe Médiévale. - Paris, 1951; Ҳамин муаллиф: Avant-propos//Le récit de Hayy ibn Yaqzân commenté par des textes d’Avicenne. - Paris, 1959. - P.7-19; Ҳамин муаллиф: Таъсири Сино ба Ғарб//Садои Шарқ. – 1967. - №1. - С.126-134.
[11] Gardet L. La pensée religieuse d’Avicenne (Ibn Sina) (Études de philosophie médiévale, XLI) – Paris, 1951.

шарқшиносон Мэри Бойс ва Ҳерберт А.Девидсонро низ зикр намудан мумкин аст.[1]

Тавре аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд муҳаққиқони таърихи фалсафа дар асарҳояшон аз таҳқиқоти А.Корбен ёд кардаю иқтибос овардаанд ва андешаи ӯро таҳлили илмӣ ва арзгузорӣ намудаанд. Вале набудани таҳқиқоти муназзам ва комил дар бораи осор ва афкори А.Корбен доир ба фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс, ҷараён ва намояндагони онҳо махсусан дар илми таърихи фалсафаи ватанӣ боиси интихоби мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ гардид.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОРИ ТАҲҚИҚОТӢ

**Робитаи кор бо барномаҳои илмӣ (лоиҳа), мавзӯъҳо**. Диссертатсия тибқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, ки ба омӯзиши масъалаҳои мубрами фалсафӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони муосир равона шудаанд, иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот -** ошкор намудани муҳтаво ва хусусиятҳои ақидавии фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва намояндагони алоҳидаи он дар пажуҳиши Анри Корбен.

Дар доираи ҳадафи таҳқиқ иҷрои вазифаҳои зерин муҳим шуморида шуданд:

- таҳлилу баррасии мушаххаси фалсафаи машшоияи шарқӣ дар пажуҳиши илмии А.Корбен;
- аҳамияти афкори Абӯнасри Форобӣ аз назари А.Корбен;
- ташреҳи ҷанбаҳои фалсафӣ-ирфонии осори тамсилии Абӯалӣ ибни Сино дар таҳқиқоти А.Корбен;
- муайян намудани аҳамияти фалсафаи калом аз назари А.Корбен;
- арзгузорӣ ва тавсифи таълимоти ахлоқию иҷтимоии тасаввуф дар системаи таҳқиқоти А.Корбен;
- хусусияти таълимоти исмоилия аз диди А.Корбен;
- шарҳу тавзеҳи А.Корбен ба фалсафаи ишроқияи Шиҳобуддини Суҳравардӣ ва баҳси ӯ дар бораи муҳтавои он.

**Объекти таҳқиқот –** осори таҳқиқотии А.Корбен доир ба фалсафаи исломӣ.

**Предмети таҳқиқот** – хусусиятҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва афкори намояндагони алоҳидаи он аз назари А.Корбен.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Зимни пажуҳиш методҳои назариявӣ ва амалии донишҳои илмӣ, аз ҷумла, муқоиса, санҷиш, таҳлил ва таркиб, коркарди мавод, герменевтика, аксиология,

[1] Мэри Бойс. Зороастрийцы. Верования и обычаи. Пер. с англ. И.М.Стеблин-Каменского. М., 1987; Herbert A.Davidson. Alfarabi, Avicenna, and Averroes, on Intellect: their cosmologies, theories of the active intellect, and theories of human intellect. - New York Oxford: Oxford University Press, 1992.

ҷамъбастнамоӣ, воқеъбинӣ, илмият, мантиқият, таърихият мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот бо назардошти шарҳу тавзеҳи илмӣ-фалсафии *машшоия, калом, тасаввуф, исмоилия ва ишроқия,* ҳамчунин асоснок кардани заминаҳои пайдоиш ва шаклгирии онҳо, инчунин асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ ба таври мушаххас танзим шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот**. Асарҳои таҳқиқотии А.Корбен "Таърихи фалсафаи исломӣ", "Ибни Сино ва тамсили ирфонӣ", "Инсони нур дар тасаввуфи эронӣ", "Равобити ҳикмати ишроқ ва фалсафаи Эрони Бостон", "Ислом дар сарзамини Эрон, чашмандозҳои маънавӣ ва фалсафӣ. Суҳравардӣ ва афлотуниёни Форс. Ҷ. II.", "Ислом дар сарзамини Эрон, чашмандозҳои маънавӣ ва фалсафӣ. Мактаби Исфаҳон, мактаби шайхия, дувоздаҳимома. Ҷ. IV." ва ғайра ҳамчун манбаи таҳқиқ буданд. Ҳангоми таҳияи рисола асосан асарҳои файласуфону мутафаккирон, аз ҷумла рисолаҳои Абӯнасри Форобӣ "Орои аҳли мадинаи фозила", "Рисолаҳои иҷтимоӣ-ахлоқӣ", рисолаҳои Ибни Сино "Ҳай ибни Яқзон", "Рисолат ат-тайр", "Саломон ва Абсол", "Ишорот ва танбеҳот", "Китоб ан-Наҷот" (Осори Ибни Сино) ва "Ҳикмат-ул-ишроқ"-и Шиҳобуддини Суҳравардӣ ҳамчун сарчашма истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навҷӯии кори илмӣ-таҳқиқотӣ аз он иборат аст, ки муаллиф дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда ақоиди ҷараёнҳои фалсафӣ ва динии асримиёнагии тоҷику форсро аз дидгоҳи А.Корбен бо назардошти сарчашма ва таҳқиқоти олимони Шарқу Ғарб муҳокимаву баррасӣ намудааст.

Навҷӯии рисолаи илмӣ ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос меёбад:

- бори нахуст дар таърихи илми тоҷик осори фалсафии файласуф ва шарқшиноси шинохтаи Фаронса Анри Корбен ба таври муназзам таҳқиқ гардида, иқтибосҳо аз китоби муҳаққиқ бевосита аз забони асл тарҷума шудаанд;

- аввалин бор дар илми таърихи фалсафаи тоҷик аз тариқи баррасии андешаҳои А.Корбен дар бораи Абулҳасани Омирӣ маълумот дода шуда, ӯ ҳамчун ҳалқаи васли таълимоти Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино дониста шудааст;

- нодурустии ақидаи А.Корбен, ки Форобиро аз аҳли тасаввуф медонист, на пайрави машшоия, собит карда шуд;

- муайян карда шуд, ки А.Корбен ҷанбаҳои фалсафӣ-ирфонии рисолаҳои тамсилии Абӯалӣ ибни Синоро таҳлил намуда, "Ҳай ибни Яқзон"-ро рисолаи асосӣ барои дарки ҷаҳонбинии ирфонии Ибни Сино номидааст. Ба назари А.Корбен, "Рисолат ат-тайр"-и Ибни Сино низ рисолаи ирфонӣ буда, асосан дар пайравӣ ба "Меъроҷ"-и паёмбар навишта шудааст. Дар вақти навиштани рисола Ибни Сино аз таълимоти Эрони Бостон ва Юнони Қадим, аз ҷумла монавия ва "Федр"-и Афлотун баҳра бурдааст. Ҳамчунин ба таъбири А.Корбен, рисолаи "Саломон ва Абсол" ирфонӣ аст ва мутафаккир онро

идомаи мантиқии ду рисолаи боло медонад. Ин мавзӯъ дар кори мо пурра таҳлил ва нодурустии ақидаи донишманди фаронсавӣ исбот шуд;

- таҳқиқи асарҳои А.Корбен собит кард, ки ӯ таълимоти Шиҳобуддини Суҳравардиро идомаи мантиқии фалсафаи Ибни Сино ва таълимоти фалсафӣ-динии Форсу Юнони Қадим медонад, ки минбаъд ҳамчун таълимоти алоҳида ташаккул ёфтааст.

**Нукоти асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда:**

1. А.Корбен аз пурмаҳсултарин муҳаққиқ, файласуф, ховаршинос ва мутарҷими фаронсавии садаи XX аст, ки фалсафаи тоҷику форсро ба таври махсус таҳқиқ карда, дар бораи хусусиятҳои равияҳои он ақидаи худро баён намудааст. Ҳарчанд А.Корбен дар байни файласуфону муҳаққиқони Тоҷикистон шинохта шудааст, вале ҳанӯз аз ҷониби муҳаққиқон осори ӯ мавриди таваҷҷуҳи илмӣ қарор нагирифта, ба онҳо баҳои зарурии илмӣ дода нашудааст. Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба олимон фурсати муносиб ва шароити мувофиқ ба миён омадааст, ки ба таври объективӣ ва муфассал осори муҳаққиқони хориҷии таъриху фарҳанги моро мавриди омӯзиши илмӣ қарор диҳанд.

2. Ба назари А.Корбен Киндӣ асосгузори фалсафаи машшоияи шарқӣ ва мутарҷиму муфассири осори Арасту низ будааст. Киндӣ ба судури олам аз Худо бовар дорад. Ҷаҳонбинии номбурда асосан таҳти таъсири ақидаҳои Арасту, навафлотуниён, навпифагориён ташаккул ёфтааст. А.Корбен аввалин бор осори мутафаккири начандон маъмул Абулҳасани Омириро таҳлилу пешкаши муҳаққиқон намуда, тасдиқ менамояд, ки файласуфи машшоӣ аз чеҳраҳои дурахшон миёни Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино будааст. А.Корбен Омириро низ аз муфассирони Арасту нишон додааст. А.Корбен назарияи судури Ибни Синоро шарҳ дода, дар бораи шуҳрат ва хусусан мактаби лотинии ӯ дар Аврупои асримиёнагӣ маълумот медиҳад. Шиҳобуддини Суҳравардиро олими фаронсавӣ идомадиҳандаи фалсафаи Ибни Сино шуморидааст. Ибни Синоро асосгузори таълимоти ишроқия ва Шиҳобуддини Суҳравардиро идомадиҳандаи он медонад, ки аз назари мо чандон қобили қабул нест.

3. Ба нигориши А.Корбен Абӯнасри Форобӣ нахустин файласуфи комили олами ислом ба шумор рафта, намояндаи аҳли ташайюъ низ мебошад. А.Корбен “Фалсафаи иҷтимоӣ”-и Форобиро бо таълимоти имомати шиъа умумӣ медонад, ҳамчунин ӯро муфассири осори Арасту қаламдод намудааст. Ӯ Форобиро ҳамчун сӯфӣ қаламдод намудааст, ки ин аз пайравии вай ба афкори устодонаш Э.Жилсон ва Л.Массинон хабар медиҳад.

4. А.Корбен рисолаи “Ҳай ибни Яқзон”-ро яке аз рисолаҳои асосӣ барои дарки андешаи Абӯалӣ ибни Сино медонад ва онро асари ирфонию рамзӣ қаламдод менамояд. Вале омӯзиши масъала шаҳодат аз он медиҳад, ки миёни муҳаққиқон мулоҳизаронӣ дар хусуси арзёбии рисолаи фавқуззикри мутафаккир ҳаммаъно нестанд. Андешаҳои А.М.Гуашон, У.Султонов дар ин бобат муқобили афкори А.Корбен мебошанд. Ба ақидаи А.Корбен Абӯалӣ ибни Сино дар иншои “Рисолат ат-тайр” пеш аз ҳама аз “Меъроҷ”-и паёмбар

илҳом гирифта, баъдан ба таълимоти Юнону Рим ва Эрони Бостон, аз ҷумла “Федр”-и Афлотун, монавия, ҳамчунин ба таҷрибаи шахсии худ Абӯалӣ ибни Сино пайравию такя намудааст. Бо рамз ифода ёфтани ҳодисаҳоро ба инобат гирифта, А.Корбен “Тайр”-ро рисолаи ирфонӣ қаламдод намудааст. Ба гуфтаи А.Корбен Саломон бояд ифодакунандаи “Одам” бошад, дар ҳоле ки Абсол “биҳишт”-ро таҷассум менамояд. А.Корбен ишора менамояд, ки ду рамзи Абӯалӣ ибни Сино, яке *толиб* ва дигаре *матлубанд.* Бинобар ин, Саломон қаҳрамони ин *толиб* буда, Абсол объекти *матлуб* бояд бошад. Ба таври дигар гӯем *толиб* дар ҷустуҷӯӣ *матлуб* – Саломон дар ҷустуҷӯи Абсол аст. Ин таъбир дар осори муҳаққиқи фаронсавӣ, аз назари мо барои таҳлили фалсафаи Ибни Сино хеле ҷолиб аст.

Бояд зикр намуд, ки олими фаронсавӣ кӯшидааст, то дар пайравӣ ба устодаш Луи Массинён асарҳои Ибни Сино, махсусан рисолаҳои тамсилии ӯро аз мавқеи тасаввуф баҳогузорӣ намояд. Вале дар асоси се рисолаи хурди Ибни Сино, ки онҳоро аз назари А.Корбен баррасӣ намудем, мутафаккирро сӯфӣ гуфтан дуруст нест ва дар рисола ба ин масъала дар асоси таҳлили синошиносони варзида ва осори худи Ибни Сино ба пуррагӣ равшанӣ андохта шуд.

5. Аввалин бор фикру назари А.Корбен дар хусуси ҷараёни калом ва махсусан равияҳои муътазила ва ашъария мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Олими фаронсавӣ илми каломро муродифи андешаи зарроти Демокриту Эпикур дониста, вале дар айни замон фарқи таълимоти онҳоро низ қоил аст ва усули панҷгонаи ин равия: тавҳид, адл, ваъду ваъид, манзалатун байна-л-манзалатайн ва амр ба маъруфро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ҳамчунин андешаҳои Абулҳасани Ашъарӣ дар таҳқиқоти А.Корбен таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ба гуфтаи А.Корбен, Ашъарӣ ба оштӣ додани мактабҳои гуногуни тасаннун, хосатан ақлу дин кӯшиш намуд, вале ба ақл арзиши мутлақро қоил нест.

6. Тасаввуф ва намояндагони он дар асарҳои гуногуни А.Корбен, аз ҷумла дар асараш “Таърихи фалсафаи исломӣ” ба таври хеле васеъ омӯхта шудаанд. Дар асари мазкур афкори сӯфиёне чун Увайси Қаранӣ, Абуязиди Бастомӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Аҳмади Ғазолӣ ва дигарон баррасӣ гардидаанд. Диссертант онро ҳамаҷониба омӯхта ба осори А.Корбен баҳои муносиби илмӣ додааст.

7. Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии А.Корбен яке аз ҷойҳои асосиро дар омӯзиш ва таҳқиқи фалсафаи исмоилия ишғол менамояд. Вай дар аксари асарҳояш ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз ҷумла масъалаҳои шиъаи исноашарӣ (дувоздаҳимома), эзотеризми шиъа, паёмбаршиносӣ, имомшиносӣ, назарияи маърифат дар исмоилия, имомат ва охиратшиносӣ, исмоилияи ибтидоӣ, исмоилияи фотимӣ, диалектикаи тавҳид, драмаи осмон ва тавлиди вақт, исмоилияиислоҳшуда дар Аламут, муносибати исмоилия ва тасаввуф ва ғайраро бештар баррасӣ намудааст.

8. А.Корбен таълимоти ишроқияи Шиҳобуддини Суҳравардиро дар заминаи асарҳои ӯ, ба хусус “Ҳикмат-ул-ишроқ” мавриди омӯзиш ва баррасӣ

қарор дода, ба хулосае меояд, ки ин таълимот зери таъсири афкори фалсафию динии Афлотуну Ибни Сино, ҳамчунин таълимоти Форси Қадим ба вуҷуд омадааст. Ҳамчунин ӯ таъсири афкор ва малакшиносии Зартуштро низ қоил аст. Бинобар ин ба андешаи мо таълимоти Шиҳобуддини Суҳравардӣ як навъ синтези фалсафию динии Форси Қадим, Юнони Қадим ва исломи асримиёнагӣ ҳаст, ки дар заминаи фалсафаи машриқияи Абӯалӣ ибни Сино рушду камол ёфта, ба ҷараёни алоҳидаи фалсафӣ-динӣ мубаддал гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Довталаб диссертатсияи худро мустақилона таҳия кардааст. Саҳми шахсии ӯ дар муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои омӯзиш, санҷиши манбаъҳои иттилоот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, муқаррар кардани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири иттилооти бадастомада, муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, тавсия ва хулосаи дар диссертатсия овардашуда, маҳсули таҳқиқоти мустақилонаи довталаб мебошад. Аз ҷумла, довталаб аввалин бор дар Тоҷикистон осори файласуф ва шарқшиноси шинохтаи Фаронса Анри Корбенро ба таври муназзам таҳқиқ намуда, дар мавриди зарурат иқтибосҳоро аз китоби муҳаққиқ бевосита аз забони асл тарҷума кардааст. Бинобар ин саҳми довталаб ба ғайр аз таҳқиқи осори Анри Корбен дар тарҷумаи қисме аз асарҳои ӯ низ назаррас мебошад. Барои муҳаққиқони дигар метавонад ҳамчун манбаъ хизмат кунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Натиҷаҳо ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи кори диссертатсиониро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ ва ахлоқ, барои таҳия кардани маҷмӯаи таълимӣ-методӣ, тавсияи илмӣ-методӣ ва курси махсуси лексияҳо оиди фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва Ғарб мавриди истифода қарор дод. Ҳамзамон маводи таҳқиқшуда, натиҷаҳо ва хулосаи бадастомада барои хондани курсҳои махсус аз соҳаи таърихи фалсафа, ки марбут ба масъалаҳои фалсафаи асрмиёнагии тоҷику форсанд дорои аҳамияти мебошанд.

**Апробатсияи таҳқиқот.** Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 1 аз 10.04.2020 с.) ва кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи № 2 аз 10.09.2020 с.) мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 5 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйиншуда интишор гардидаанд, инчунин дар як қатор маърӯзаҳои дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ироанамудаи муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, аз ҷумла 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯъ, дараҷаи омӯхта шудани он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети диссертатсияи таҳқиқотӣ,

асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот асоснок гардида, навоварии илмии диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии он тавсиф ёфта, дар бораи апробатсияи таҳқиқот ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия **- "Таҳқиқоти Анри Корбен дар бораи машшоияи шарқӣ"** аз се зербоб иборат аст.

**Зербоби якум "Тавсифи машшоия дар пажуҳиши Анри Корбен" буда,** дар он таълимоту осори намояндагони ин ҷараён аз назари муҳаққиқи фаронсавӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор мегирад. А.Корбен осори Абуюсуф ибни Исҳоқ ал-Киндиро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки ӯ бевосита тарҷумони аслии осори мутафаккирони Юнони Қадим набуд. Муҳаққиқ зикр мекунад, ки дар асрҳои миёнаи Аврупо Киндиро хуб мешинохтанд ва чанде аз рисолаи ӯ: "Рисолаи иштибоҳоти файласуфон", "Рисолаи ҷавоҳири панҷгона" (модда, сурат, ҳаракат, макон, замон) ва "Рисолаи ақл", ки ба забони лотинӣ тарҷума шуда буданд. Ӯ исбот мекунад, ки баъзе ҷиҳатҳои назарияи фалсафии Киндӣ аз ақоиди Юҳаннои Филопон сарчашма мегирад, чунон ки дар баъзе ҳолатҳои дигар аз мактаби навафлотуниёни Афина илҳом гирифтааст.[1]

Мувофиқи ақидаи ховаршинос дар ҷаҳонбинии мутафаккир на танҳо таъсири ҳикмати арастуӣ, балки дар баробари он таъсири ақидаҳои Юҳаннои Филопон ва ҳам навафлотуния ба назар мерасад. Дигар масъалае, ки вай дар ташаккули ҷаҳонбинии Киндӣ муҳим донистааст, таъсири рисолаи "Нафс"-и Арасту дар тафсири Искандари Афродизист. Ин тафсири ӯ дар ҷаҳонбинии Киндӣ муассир будааст. Таъсири "Илоҳиёт"-и Арасту низ дар андешаи Киндӣ нақши бештар дорад. Арзиши таъсири тафсири Искандари Афродизиро ба ҳамон андоза баробар медонад.

А.Корбен, Киндиро аввалин пайрави фалсафаи машшоияи шарқӣ дониста, исрор менамояд, ки мутафаккирро тавре дар фалсафаи ислом маъруф аст, бояд аввалин пайравӣ Арасту ном бурд. Ба андешаи ӯ "мардуми Аврупои лотинӣ Киндиро бинобар сабаби чанд рисолае, ки дар боло зикр намудем, ҳамчун файласуф шинохта, дигарон бошанд ӯро ба ҳайси риёзидон ва устоди нуҷумшинос низ эътироф менамоянд. Жером Кардан дар асари худ "Зароиф" Киндиро яке аз дувоздаҳ чеҳраи илмӣ номидаст, ки ба таърихи башарият таъсири муҳим расонидааст."[2]

Муҳаққиқи фаронсавӣ дар бораи Абулҳасан Муҳаммад ибни Юсуфи Омирӣ маълумоти хеле муфассал медиҳад. Таълимот ва осори Омирӣ аз назари муҳаққиқон дур мондааст. Бинобар ин мутафаккир муфассал ба таҳқиқи осори Омирӣ машғул шуда, таъкид менамояд, ки Омирӣ миёни даври Форобӣ ва Ибни Сино яке аз чеҳраҳои дурахшон ва шоёни диққат ба ҳисоб меравад. А.Корбен дар бораи мукотибаи Омирӣ бо Ибни Сино низ маълумоти ҷолиб пешниҳод мекунад. Ҳарчанд баъзе нукоти пешниҳод намудаи ӯ дар назари мо шубҳанок аст. Ба нигоштаи муҳаққиқ Омирӣ соли

[1] Corbin Henry. Histoire de la philosophie islamique. - Gallimard, 1986. - P. 223.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. - Р.224.

991 аз олам гузаштааст. Вале тавре маълум аст, Ибни Сино соли 980 ба олам омадааст ва ҳангоми фавти Омирӣ ҳамагӣ 11 сол доштааст. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки ин назари А.Корбен ғайри қобили қабул аст. Ба назар мерасад, ки Омирӣ на танҳо бо Ибни Сино, балки бо Форобӣ низ мукотибаи бевосита надошт. Ба гуфтаи А.Корбен, Ибни Сино низ дар рисолаи “Китоб-ун-Наҷот” аз Омирӣ ёд кардааст. Вале мегӯяд муҳаққиқ, Ибни Сино ба қобилияти фалсафии Омирӣ бо назари шубҳа нигаристааст. Маълумоти пешкаш кардаи А.Корбен асоси воқеӣ дорад. Зимни таҳқиқ маълум гардид, ки Ибни Сино дар рисолаи мазкур Омириро шадидан танқид кардааст. Тавре худи Ибни Сино мегӯяд: “...Ӯ (яъне Абулҳасани Омирӣ - И.Ф.) дар паст задани фалсафа яке аз хабистарин фалсафабофони исломист, зеро аз ғарази пешиниён бехабар буд”.[1] Бояд гуфт, ки Ибни Сино шояд ин суханро дар асоси ягон рисолаи ба Омирӣ дар асл мансуб набуда навиштааст. Зеро ба Омирӣ рисолаҳоеро низ мансуб донистаанд, ки дар асл аз таълифоти ӯ нестанд.

Ховаршинос фалсафаи сиёсӣ-иҷтимоии Форобӣ ва Омириро низ мавриди таҳлил ва муқоиса қарор дода, фарқи таълимоти онҳоро чунин нишон медиҳад: “...**дар фалсафаи “сиёсӣ” Абулҳасан Омирӣ хусусан таҳти таъсири осори эронии аз забони паҳлавӣ тарҷумакардаи Ибни Муқаффаъ қарор гирифта, дар қиёс бо Форобӣ таълимоти нисбатан камтар зери таъсири эллинизми афлотунӣ қарордоштаро пешкаш менамояд**”.[2] Аз баррасии ин гуфтаи муҳаққиқ маълум мегардад, ки Абулҳасани Омирӣ дар фалсафаи сиёсӣ, нисбат ба Форобию дигар файласуфони машшоӣ, аз ҳикмати афлотунию арастуӣ дида, бештар ба афкори мутафаккирони эронӣ пайравию истинод кардааст. Вале бояд гуфт, ки Форобӣ дар масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ танҳо аз афкори юнонӣ, хусуан эллинизми афлотунӣ мутаассир нест.

Шарқшинос дар бораи Абӯалӣ ибни Сино таҳқиқоти муфассал анҷом додааст. Вай дар “Таърихи фалсафаи исломӣ” менигорад, ки Ибни Сино моҳи августи 980 мелодӣ дар деҳаи Афшанаи Бухоро таваллуд шудааст. Падараш яке аз кормандони баландрутбаи ҳукумати Сомониён буд ва шарҳи ҳол ва маълумоти муҳими ҳаёти Ибни Синоро аз навиштаҳои шогирди вафодораш Ҷузъҷонӣ медонем. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки Ибни Сино ҳангоми дар ҳабс қарор доштанаш аввалин рисолаи ирфонии худ “Ҳай ибни Яқзон”-ро эҷод кардааст.[3]

А.Корбен бо як тартиби муайян дар асари мазкур, пас аз он ки мухтасаран дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти Ибни Сино сухан ронда, асарҳои асосии ӯро мавриди назар қарор медиҳад, ба баррасии масъалаи офариниши оламу одам аз назари Ибни Сино мегузарад. Ба ақидаи ӯ тавре С.Султонов дар китоби худ “Ибни Сино дар суннатҳои фалсафии Фаронса” нишон додааст, офариниш амали ғоявиест, ки дар зоти худи Парвардигор ҷой дорад. Зоте, ки худашро танҳо худаш медонад (моҳияти илоҳӣ абадан ба зоти худи

[1] Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ.III. - Душанбе: Дониш, 2007. - С.307.
[2] Corbin H. Histoire de la philosophie islamique. - P.237.
[3] Ҳамон ҷо. - P.239.

Ӯ вобаста аст), яъне Худо - Судури аввал, Ибтидои инсоният ё ақли авваланд.[1]

Тибқи назари А.Корбен, ақидаи офариниш дар фалсафаи Ибни Сино аз рӯи зарурат пайдо шуда, ҳамчунон ба тағйироти куллӣ дучор омадааст. Воҷибулвуҷуд дар абадият зуд ва ихтиёран амал карда наметавонад ва ӯ метавонад танҳо аз тариқи зарурати илоҳӣ амал кунад. Бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқ дар баробари омӯзиши масъалаҳои ҳастишиносии фалсафаи Ибни Сино, ҳамчунин ба масъалаҳои маърифатшиносӣ диққати хоса додааст. Дар бораи таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино роҷеъ ба ақли фаъол А.Корбен таваққуф намуда, менигорад, ки Ибни Сино дар масъалаи Ақли фаъол дар пайравии Форобӣ ва космологияи исмоилия бар хилофи таълимоти Фемистий ва Фомаи Аквинӣ ақлеро интихоб кардааст, ки аз ақли инсон бегона ва ҷудо буда, вале бо Худо айният дода намешавад, чунон ки Искандари Афродизӣ ва августиниён ба ин бовар буданд. Антропологияи Форобӣ ва Ибни Сино майл ба навафлотуния дорад, мегӯяд А.Корбен.[2] Дар ин гуфтаҳои муҳаққиқ ихтилофи андеша ба назар мерасад. Зеро аз як тараф ӯ Ибни Синоро дар дарки масоили назарияи маърифат пайрави машшоиён намедонад, вале аз тарафи дигар ӯро пайрави Форобӣ қаламдод мекунад. Модом, ки Ибни Сино пайрави Форобист, пас вай пайрави фалсафаи машшоия ҳаст. Аксар олимони ватанию хориҷӣ ва худи А.Корбен низ Форобиро яке аз нахустин пайравони машшоия шинохтаанд.

А.Корбен дар такя ба андешаи файласуф ва устодаш Э.Жилсон менависад, ки дар Ғарб фалсафаи Ибни Сино бо тағйироти қатъии маъно ва сохтори худ рушду нумуъ намуда, таълимоти “августинии ибнисиноишуда”-ро ба вуҷуд овардааст. Таъсири Ибни Сино бештар дар асарҳои Алберти Кабир ва шогирдаш Улрихи Страсбургӣ дида мешавад. Ӯ ҳамчунин таъкид менамояд, ки дар олами насронӣ воридшавии аверроизм (Ибни Рушд) нуфузи таълимоти Ибни Синоро коста намуд, аммо дар Шарқ фалсафаи Ибни Сино қобили қабул боқӣ монд. Дар Шарқи асримёнагӣ ба таълимоти Ибни Сино на таълимоти Ибни Рушд ва на нақди Муҳаммади Ғазолӣ баробар шуда натавонистанд.[3]

Олими фаронсавӣ дар бораи таълимоти Ибни Мискавайҳ таваққуф намуда, ӯро муосири Абурайҳони Берунӣ ва Ибни Сино гуфтааст. Воқеан, Мискавайҳ муосири файласуфони мазкур аст. А.Корбен ҳамчунин осори Ибни Мискавайҳ “Ҷовидон хирад”, “Таҳзиб-ул-ахлоқ” ва ғ.-ро баррасӣ кардааст. Асари “Ҷовидон хирад”-и Ибни Мискавайҳ ба гуфтаи вай суханони файласуфони бисёреро, ки муосири мутафаккир буданд, баён мекунад.

Дар бораи Абдулбаракоти Бағдодӣ сухан ронда, муҳаққиқ мегӯяд, ки ӯ таҷассуми навъи файласуфи персоналист мебошад, ки аз ин ҷиҳат мутафаккир бо Ибни Боҷа муштараки зиёд доштааст.

[1] Султонов С. Ибн Сина в философской традиции Франции. – Душанбе: Ирфон, 2013. - С.91.
[2] Corbin H. Histoire de la philosophie islamique. - P.244.
[3] Ҳамон ҷо. - P.246.

Яке аз ҷиҳатҳои баҳсангези таҳқиқоти А.Корбен доир ба фалсафаи тоҷику форс дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бархилофи ақидаи дар таърихи фалсафа қабул шуда, мавқеи Муҳаммади Ғазолиро дар қатори Форобию Ибни Сино баробарарзиш донистааст. Бояд қайд намуд, ки аксари муҳаққиқону донишмандони тоҷик ва эронӣ чунин андеша доранд, ки маҳз интиқоди фалсафа аз тарафи Ғазолӣ, боис гардид, ки фалсафа минбаъд дар олами ислом қомат рост накард. Эҳтимол ин интиқоди Ғазолӣ то андозае ба фалсафа таъсири манфӣ расонда бошад, вале натавонист фалсафаро дар олами ислом ба таври куллӣ шикаст диҳад. Бояд гуфт, ки интиқод бар фалсафа аз тарафи Носири Хусрав низ ба назар мерасад. Тавре маълум аст, ӯ дар "Зод-ул-мусофирин" Абӯбакри Розиро танқид менамояд. Ховаршинос дар баробари интиқоди Ғазолӣ, инчунин дар бораи мутакаллиме чун Шаҳристонӣ, ки фалсафаро танқид намудааст, маълумот пешкаш кардааст. Муҳаққиқ, инчунин дар бораи асарҳое, ки Ғазолӣ бар зидди исмоилиёни ботиния ва машшоия эҷод кардааст, маълумот медиҳад. Аз ҷумла ӯ ба муқобили файласуфон, бахусус бар зидди Форобию Ибни Сино мубориза бурда, фалсафаро сахт танқид кард. Бинобар ин А.Корбен асари "Таҳофут-ут-фалосифа"-и Ғазолиро ном бурда, дар айни замон аз "Таҳофут-ут-таҳофут"-и Ибни Рушд низ ёдовар мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки мутафаккир ҳамаи он интиқоде, ки Ғазолӣ бар фалсафа кард, бетаъсиру безарар ба қалам медиҳад. Ӯ дар муқобили баъзе муҳаққиқон ба такрор иброз менамояд, ки агар чунин тасаввур шавад: "пас аз интиқоди Ғазолӣ, фалсафа аз олами ислом ба Ғарб рафт ва аз зарбаи ӯ фалсафа дигар қомат рост накард, иштибоҳи маҳз аст".[1] Бинобар ин ӯ зикр менамояд, ки дар машриқзамин фалсафа пойдор монда, то имрӯз пайравони Ибни Сино фаъоланд ва осори бузурги мактаби Исфаҳон ва дигар ҷараёнҳои фалсафӣ тасдиқи ин гуфтаҳост.[2]

Ба андешаи ховаршинос Киндӣ асосгузори машшоияи шарқӣ ва мутарҷиму муфассири осори Арасту низ будааст. А.Корбен дар хусуси мутафаккири начандон шинохта Омирӣ маълумот дода, менависад, ки номбурда файласуфи машшоия ва аз чеҳраҳои дурахшон миёни даври Форобӣ ва Ибни Сино будааст. Омириро низ аз муфассирони Арасту нишон додааст.

Донишманди фаронсавӣ дар хусуси фалсафаи Ибни Сино маълумот пешкаш намуда, ин файласуфи машшоиро нигорандаи расоили тамсилӣ ва аз ин рӯ намояндаи аҳли тасаввуф нишон додааст.

Ҳамин тавр, назари олими фаронсавӣ дар хусуси таълимоту афкори мутафаккирони дигар, мисли Ибни Мискавайҳ, Абдулбаракоти Бағдодӣ, Муҳаммади Ғазолӣ, Муҳаммад Шаҳристонӣ ва дигарон дар зербоб мавриди матраҳ қарор гирифтаанд.

**Дар зербоби дуюм – "Фалсафаи Абӯнасри Форобӣ аз диди Анри Корбен"** таҳлилу баррасӣ мегарданд, ҳамчунин фикру назари дигар

[1] Corbin H. Histoire de la philosophie islamique. - P.261
[2] Ҳамон ҷо.

муҳаққиқони осори Форобӣ, зикр гардидаанд А.Корбен ба ҳайси як муҳаққиқи осори Форобӣ бар ин назар аст, ки аксари осори ӯ шарҳи китобҳои Арастуро дар бар мегирад. Аз ҷумла асарҳои “Органон”, “Физика”, “Метафизика” ва ғайраи Арастуро ном бурда, таъкид доштааст, ки онҳо аз байн рафтаанд. Вале баъзе муҳаққиқони Аврупо ҳамин гуна шарҳҳои Форобиро махсус ба назар гирифта, ӯро соф муқаллиди Афлотун ва Арасту гуфтаанд, ки куллан ақидаи нодуруст аст. Форобӣ танҳо дар доираи асарҳои мутафаккирони Юнон маҳдуд нашуда, балки аз худ осори гаронбаҳое эҷод ва мерос гузоштаст, ки барои пешрафти илму фарҳанг ва фалсафаи ҷаҳонӣ таъсири муайян расонидааст. Ба андешаи К.Олимов, ки ақидаи олимони шӯравиро ҷонибдорӣ кардааст, Форобӣ муқаллиди маъмулии фалсафаи юнонӣ набуда, балки як мутафаккири энсиклопедисти бузург мебошад.[1] А.Корбен дар баробари зикри тафсирҳои Форобӣ, ба асарҳои Афлотуну Арасту, ҳамчунин аз асарҳои асосии мутафаккир ёдовар шуда, чанде аз онҳоро низ зикр кардааст. Вале дар байни онҳо ӯ арзиши асари “Эҳсо-ул-улум ва-т-таъриф”-и файласуфро махсус таъкид намуда, гуфтааст, ки он барои коркарди таснифи илмҳо дар схоластикаи ғарбӣ таъсири бузург дошт.[2]

Бояд таъкид намуд, ки аксари муҳаққиқону олимон андешаҳои дар “Мадинаи фозила” баён намудаи Форобиро ҳамчун фалсафаи иҷтимоӣ ва назарияи сиёсии ӯ баррасӣ кардаанд, вале А.Корбен дар ин бора ақидаи дигареро иброз доштааст, ки бо ақидаи аксарият мухолифат дорад. Бино ба андешаи ӯ ақидаи Форобиро ба маънои имрӯза фаҳмидан, яъне “сиёсисозӣ” кардан нодуруст ва ифрот аст. Дар асарҳои Форобӣ, ҳамчунин дар таҳқиқоти муҳаққиқони осори ӯ равшан ба назар мерасад, ки дар “Мадинаи фозила” андешаҳои сиёсӣ, ахлоқӣ, таълиму тарбия, санъати идоракунии ҷомеа ва ғ. мавҷуданд, аммо А.Корбен бо “барномаи сиёсӣ” умумият доштани онро комилан инкор менамояд. Ба гуфтаи вай одатан мадинаи фозилаи Форобиро ҳамчун фалсафаи “сиёсӣ”-и ӯ қаламдод менамоянд. Форобӣ, бино ба қавли муҳаққиқ аз ашхоси “марди амал” маҳсуб намеёбад, яъне мутафаккир гӯё ба масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ таваҷҷуҳ надошт. Ҳамчунин назарияи “сиёсӣ”-и Форобӣ, ба таъбири муҳаққиқ, дар заминаи ваҳдату ягонагии ҳастишиносӣ ва равоншиносии ӯ асос ёфта, қисми ҷудонашавандаи он ба ҳисоб меравад. Бинобар ин “Мадинаи фозила”-е, ки Форобӣ пешкаш менамояд, фарогири кулли сарзаминҳои маъмур буда, рубъи маскуни башарро ифода мекунад.[3]

**Дар зербоби сеюми боби якум – “Ташреҳи Анри Корбен ба фалсафаи ирфонии Ибни Сино”** рисолаҳои тамсилии файласуф мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифта, ховаршинос онҳоро аз мавқеи аҳли тасаввуф шарҳ ва баҳогузорӣ кардааст. Анри Корбен файласуфест, ки қариб тамоми осори фалсафии бисёрҷилдаи Ибни Синоро сарфи назар намуда, бо назардошти се рисолаи ҳаҷман хурди Ибни Сино: “Ҳай ибни Яқзон”, “Рисолат-ут-Тайр” ва “Саломон ва Абсол” самти асосии фалсафаи ин мутафаккирро ирфонӣ

---

[1] Олимов К. Арастуи сонӣ. С.130-136.
[2] Corbin H. Histoire de la philosophie islamique. - P.227.
[3] Corbin H. Histoire de la philosophie islamique. - P.231; Корбен А. История исламской философии. Пер. с фр. А.Кузнецова. - М.: ООО Садра, 2013. - С.164.

қаламдод менамояд. А.Корбен асос ва мағзи андешаи Ибни Синоро дар ин рисолаҳои тамсилӣ меҷӯяд. Вале баъзе муҳаққиқон даъво доранд, ки се рисолаи фавқуззикри мутафаккир зери таъсири дигар мутафаккирон, аз ҷумла мактаби навафлотуния таълиф шудаанд. Ба ҳар ҳол олими фаронсавӣ ҳамин се рисолаи ҳаҷман хурдро аз ҷумлаи осори бузурги Ибни Сино ҳисоб карда, мақоми онҳоро баланд мешуморад.

Диссертант ақидаи А.Корбенро дар бораи Ибни Сино таҳлил намуда, ҳамчунин фикру мулоҳизаи муҳаққиқони ғарбӣ ва махсусан тоҷик, аз ҷумла М.Диноршоев, А.Турсунов, У.Султонов, К.Олимов ва дигаронро, ки ақидаашон бо хулосаҳои ховаршинос мухолифат дорад, баён мекунад.

**Боби дуюми** диссертатсия **“Ҷараёнҳои фалсафию динӣ дар таҳқиқоти Анри Корбен”** буда, аз чор зербоб иборат аст.

**Зербоби якуми боби дуюм – “Моҳияти фалсафаи калом аз нигоҳи Анри Корбен”** - таълимоти калом, махсусан равияҳои он муътазила ва ашъария дар таҳқиқоти олими фаронсавӣ таҳлилу баррасӣ мешаванд.

Таҳқиқоти А.Корбен дар бораи таълимоти калом аз баррасии таълимоти муътазила оғоз шудааст. Тибқи назари ӯ илми калом ҳамчун илоҳиёти схоластии ислом ба ҷое расид, ки ин мафҳум муродифи андешаи заррот (атомизм)-и Демокрит ва Эпикур гардид, аммо аз фалсафаи онон фарқ мекард. Илова бар ин калом, дар таъбири А.Корбен ҳамчун андешаи схоластӣ ба сифати як диалектикаи ақлгарои маҳз мушаххас аст ва аз мавқеи илоҳиёт истифода мешавад.

Мутафаккир дар такя ба андешаи Ҳ.С.Нюберг менависад, ки “яке аз омилҳои муайянкунандаи тафаккури муътазилиён, мубориза онҳо бар зидди санавияти баъзе равияҳои эрониест, ки дар Куфа ва Басра амал мекарданд ва ин гуфтаҳоро асари “Китоб-ул-ағонӣ” низ тасдиқ менамояд. Восил ибни Ато ва Амр ибни Убайд аксар вақт дар баҳсу мунозираҳое, ки дар хонадони қоиммақоми Азд баргузор мешуданд, иштирок доштанд ва дар он баъзе иштирокчиён таълимоти санавияти Эрони Бостонро ҷонибдорӣ мекарданд”.[1]

А.Корбен ақидаи муътазилиёнро дар бораи тавҳид, адл, манзалату байн-ал-манзалатайн (манзили байни ду манзил), амр ба маъруф таҳлил намуда менависад, ки ба андешаи “муътазила адолат танҳо ин нест, ки ҳар фарде аз иртикоби бадӣ ва беадолатӣ канорагирӣ намояд; он ба воситаи аъмоли тамоми ҷомеа бахри фароҳам овардани фазои баробарӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ ва ба туфайли он муҳит ҳар шахс метавонад имкониятҳои хешро амалӣ намояд.[2] Ҳамчунин муҳаққиқ дар бораи Ашъарӣ ва мухолифати ӯ бо муътазилиён маълумоти зиёд пешниҳод кардааст, ки дар диссертатсия оварда шудааст.

**Дар зербоби дуюм – “Тасаввуф дар таҳқиқоти Анри Корбен”** осору афкори сӯфиён мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд Муҳаққиқи фаронсавӣ таъкид менамояд, ки дар аксар мавриди ҳадафи мазҳаби ташайюъ ва тасаввуф барои фаротар рафтан аз доираи тафсири расмии шариат ва аз

[1] Corbin H. Histoire de la philosophie islamique. - P.159.

[2] Ҳамон ҷо. - P.164.

